**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», д.и.б., профессор,
Давлатзода Сайфиддин Хайриддин

______________________________

“____”________________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

**Муассисаи давлатии таълимии**

**«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

ба диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон ва ҳамзамон унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мавсуф соли 1997 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” пазируфта шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” аз 01.12.2020, суратмаҷлиси № 4 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои филологӣ Наимзода Қудратулло Қаҳҳор мебошад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм 31.01.2023 бо баҳои «хуб» аз тарафи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва аз фанни забони хориҷӣ (забони англисӣ) аз 24.09.2023 бо баҳои «хуб» аз тарафи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқи рӯзгор ва осори яке аз суханварони хушзавқи доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX – Мирзо Ҳайити Саҳбо бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст. Анвои гуногуни шеъри Саҳбо, агарчи дар рушду инкишофи шеъри форсу тоҷик нақши назаррас надорад, ба сарвати адабиёти бадеии ин аҳд афзудааст ва қобили таҳқиқу баррасии мушаххаси илмӣ мебошад. Ҳанӯз устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» зарурати табъу нашр ва нақду пажӯҳиши осори Мирзо Ҳайити Саҳборо таъкид карда буд, вале, мутаассифона, то имрӯз масъалаи мазкур аз назари муҳаққиқону донишмандони соҳаи адабиётшиносӣ дур монда, ба гурӯҳи масоили ба таҳқиқ ниёзманд дохил мешуд. Бо дарки ҳамин муҳиммияти масъала ва зарурати нақду баррасии он, иқдоми унвонҷӯ Шарифзода Ёрмуҳаммад дар таҳқиқу таҳлили илмии рӯзгор ва осори Саҳбо арзандаи таҳсин ва тақдир аст. Таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур барои равшантар тасаввур намудани ҳаёти адабии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX ва марҳалаҳои рушду нумуи адабиёти форсу тоҷик дар ин давра мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боби асосӣ бо дарбаргирии зербобҳои мувофиқ, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар асоси таҳлили

ҳаматарафаи сарчашмаҳо ва маъхазҳои илмию таърихии марбут ба рӯзгору осор ва ҳунари шоирии Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мероси адабии ӯ сурат гирифта, мундариҷаи он ба талаботи таҳқиқоти соҳавӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур** ба таври мукаммалу муфассал таҳқиқу баррасӣ намудани мушаххасоти рӯзгор ва вижагиҳои осори Мирзо Ҳайити Саҳбо мебошад. Муаллифи диссертатсия барои расидан ба ин ҳадаф саъй намудааст, ки бо такя ба манобеи гуногуни илмию адабӣ ҷараёни зиндагӣ ва мероси адабии Мирзо Ҳайити Саҳборо муайян карда, дар бораи сабку услуб, мазмуну мундариҷа, вижагиҳои жанрӣ ва бадеияти осори манзуми шоир маълумоти илман асоснок пешниҳод намояд.

Диссертант ҳалли масъалаҳои зерин: шарҳу тафсири зиндагиномаи шоир, муайян намудани мероси адабии ӯ, омӯзиши муфассали ашъори Саҳбо аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва шаклу анвои адабӣ, баррасии ҷанбаҳои суннатӣ ва навҷӯиҳои ашъори Саҳбо, хусусиятҳои сабкию забонии ашъори шоир ва муайян намудани маҳорати шоирӣ ва суханофаринии адиб, авзони ғазалиёт, қасоид, мухаммасот ва дигар анвои шеъри Саҳбо ва як зумра масоили дигарро дар меҳвари таҳқиқоти худ қарор дода, аз уҳдаи ҳалли ин масоил ба хубӣ баромадааст.

**Арзиши назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон зимни омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти классикии тоҷик, аз ҷумла таҳқиқу баррасии адабиёти бадеии тоҷик дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX мавриди истифода қарор дод. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик дорои аҳамият мебошад.

**Арзиши амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатасияро метавон ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти асрҳои XIX-XX форс-тоҷик барои мактабиён ва донишҷӯён, таълифи рисола ва мақолаҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёт, сабкшиносӣ ва накди адабӣ истифода кард. Инчунин донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷик

ҳангоми навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ аз маводи рисола мустафид буда метавонанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти фарогиру густарда оид ба рӯзгору осор, маҳорату истеъдод ва мавқеи адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо мебошад. Муаллифи диссертатсия нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик ба ҷиҳатҳои сохторию шаклӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сабкию бадеӣ ва поэтикии ашъори гуногунжанри адиб таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар такя ба матни осори манзуми Мирзо Ҳайити Саҳбо, ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии ӯро муайян кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" иҷро гардидааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия қонеъкунанда буда, нуктаҳои асосии он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва семинарҳои илмию методии МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" гузориш ёфтаанд.

Муҳимтарин нукоти диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:

**а) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия банашррасида:**

[1-М]. Шарифзода Ё.Ш., Муродиён Ҳ.Ғ. Устод Айнӣ ва Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Ҳ.Ғ. Муродиён // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2018. - №1/2(53). - С. 10-14.

[2-М]. Шарифзода Ё.Ш. Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии ғазал-қасидаи "Дар талаби асп"-и Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2019. - №1/2(62). - С.34-37.

[3-М]. Шарифзода Ё.Ш. Мувашшаҳоти Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2020. - №1/3(77). - С.37-41.
[4-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Ашъори мунташираи Саҳбо дар кутуб ва маҷаллот [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/2(98). - С.22-27.
[5-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Мухаммасоти Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/3(101). - С.21-27.
[6-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Қасоиди Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/4(104). – С. 34-43.

**б) Мақолаҳои дар дигар маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ банашррасида:**

[7-М]. Шарифзода Ё.Ш. Муҳтавои ғазалқасидаи “Дар талаби асп”-и Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической конференции “Развитие гидроэнергетики – развитие Таджикистана” / Бохтар, 20 декабря 2018. – С. 257-259.
[8-М]. Шарифзода Ё.Ш. Шарҳу тафсири зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической конференции “Развитие энергетики и возможности” / Кушониён, 22 декабря 2020. – С. 88 - 104.
[9-М]. Шарифзода Ё.Ш. Авзони мухаммасот ва дигар анвои шеърҳои Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДЭТ / Кушониён, 2022. - №1-2. - С. 100 - 106.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар баробари комёбиҳои зикргардида ба баъзе камбуду нуқсонҳои ҷузъӣ, аз ҷумла мавҷудияти ғалатҳои имлоиву техникӣ ва норасоӣ дар китобномаи диссертатсия ишора гардид. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва

бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад дар мавзуи «Мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо иштироки устодони кафедра ва 2 нафар доктори илмҳои филологӣ аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи №6 аз 9-уми январи соли 2024.

**Раиси маҷлис:**
**Мудири кафедраи адабиёти тоҷик,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Аҳмадов С.Г.**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи С. Раҳимов, 7/36.**
**Тел: 988 15 75 81; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru**

**Котиби маҷлис:**
**номзади илмҳои филологӣ: Муродов А.А.**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо, 2 Б / 10.**
**Тел: 904 49 43 44;**

**Имзоҳои С. Аҳмадов ва А. Муродовро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.ru**